ҲУҶҶАТИ ЭЗОҲӢ

СОЗМОНИ
МИЛЛАЛИ
МУТТАҲИД

Стандарти КИА СММ доир ба фурӯш ва назорати сифати молии

# МАҒЗИ ЧОРМАҒЗ



# ЭЗОҲОТ

Стандартҳои тиҷоратии сифати маҳсулоти кишоварзӣ аз тарафи Комиссияи иқтисодии аврупоии СММ тавассути Гурӯҳи корӣ оид ба стандартҳои сифати кишоварзӣ таҳия ва тасвиб расонида мешаванд. Стандартҳои байналмиллалӣ мазкур ба инкишофи савдо, истеҳсоли маҳсулоти баландсифат, баланд бардоштани даромаднокӣ ва ҳимояи манфиати истеъмолкунандагон мусоидат менамояд. Онҳоро давлатҳо, истеҳсолкунандагон, фурӯшандагон, содироткунандагон ва воридоткунандагон, инчунин ташкилотҳои байналмиллалӣ мавриди истифода қарор медиҳанд. Стандартҳо ба доираи фарохи маҳсулоти кишоварзӣ, чунончӣ ба меваву сабзаботи тару тоза, маҳсулоти хушккардашуда, гӯшт, гулҳо, тухм ва маҳсулоти аз тухмӣ тайёршуда паҳн мегардад.

Ҳуҷҷати шарҳдиҳанда ба Стандарти мағзи чормағз барои таъмини шарҳдиҳии якхелаи Стандарт таҳия гардида ва ба ҳамин васила ба рушди савдои дохиливу хориҷӣ мусоидат менамояд. Стандарти мазкур барои истеҳсолкунандагон ва корхонаҳои бо савдо машғулбуда, инчунин барои мақомоти назоратӣ пешбинӣ шудааст.

Дар фаъолияти Гуруҳи корӣ оид ба стандартҳои сифати кишоварзӣ ҳамаи аъзоёни СММ иштирок карда метавонанд.

Барои ба даст овардани маълумоти иловагӣ, лутфан, ба сомонаи мо **<*http://www.unece.org/trade/agr/welcome.html*>** муроҷиат намоед.

*Ишоратҳо ва муаррифинамоии маводи дар интишороти мазкур истифодагардида ба ҳеҷ ваҷҳ фикру ақидаи ҳайати Дабироти СММ-ро доир ба мақоми ҳуқуқии дилхоҳ кишвар, ҳудудҳо, шаҳр ё вилоят ва ё ҳокимияти онҳо ва ё муайянкунӣ ё демаркатсияи сарҳадҳоро ифода намекунанд. Ёдрас намудани номгӯи ширкатҳо ё маҳсулоти тиҷоратӣ маънои дастгириро аз тарафи Созмони Миллали Муттаҳид надорад.*

Бо шарти ёдрас намудани муаллифон, барои иқтибосоварии озод ва азнавчопкунии мавод, иҷозат дода мешавад.

**Дар сурати падид омадани дилхоҳ савол ё ташреҳот, лутфан ба суроғаи зерин муроҷиат намоед:**

Гуруҳи корӣ оид ба стандартҳои сифати хоҷагии деҳот
Комиссияи иқтисодии аврупоии СММ
Қасри миллат
CH-1211, Женева 10, Швейсария
e-mail: agristandards@unece.org

# МУНДАРИҶА


| | | |
|---|---|---|
| I. | ТАЪРИФИ МАҲСУЛОТ | 1 |
| II. | МУҚАРРАРОТ ОИД БА СИФАТ | 4 |
| III. | МУҚАРРАРОТ ОИД БА АНДОЗАГИРӢ | 10 |
| IV. | МУҚАРРАРОТ ОИД БА ИҶОЗАТҲО | 14 |
| V. | МУҚАРРАРОТ ОИД БА НАМУДИ МОЛӢ | 18 |
| VI. | МУҚАРРАРОТ ОИД БА ТАМҒАГУЗОРӢ | 24 |
| | ЗАМИМА: СТАНДАРТИ КИА СММ DDP-02 ОИД БА ФУРӮШ ВА НАЗОРАТИ СИФАТИ МОЛИИ МАҒЗИ ЧОРМАҒЗ | 28 |




**Эзох:** Дар ҳуҷҷати мазкур матни расмии стандарт бо ҳуруфоти муқаррарӣ нишон дода шудааст; матнҳои тавзеҳотии стандарт - бо курсив. Истинодҳои расмҳои ба сифати аёнияти истифодашаванда бо ҳуруфоти сиёҳи ғафс оварда шудаанд. Тамоми матни стандарт бе тавзеҳот дар замима оварда шудааст.

# МИННАТДОРӢ

КИА СММ ба ҳамаи намояндагони Бахши махсусгардонидашуда оид ба стандартикунонии маҳсулоти хушк ва хушккардашуда, барои саҳми онҳо дар таҳияи интишороти мазкур, арзи сипос баён менамояд.

КИА СММ, инчунин, ба Комиссия оид ба чормағзи иёлоти Калифорния ва Шӯро оид ба чормағзи иёлоти Калифорнияро барои омодасозӣ ва ба нашр баровардани китобчаи эзоҳӣ доир ба мағзи чормағз, миннатдории худро арз менамояд.





# I

# ТАЪРИФИ МАҲСУЛОТ

# I ТАЪРИФИ МАҲСУЛОТ

Стандарти мазкур ба мағзҳои чормағзи навъҳои гуногун (навъҳои зироатӣ), ки аз навъи *Juglans regia L.* ба вуҷуд омадаанд ва онҳо барои истеъмоли бевосита ба ғизо ё омехта кардан бо дигар маҳсулот, барои истеъмоли бевосита ба ғизо бе коркарди минбаъда, таъин шудаанд, татбиқ мегардад. Стандарти мазкур ба мағзи чормағзҳо бо роҳи намакхобонӣ, шакардорсозӣ, хушбӯйкунӣ ё бирён кардан коркард шудаанд ё барои коркарди саноатӣ таъин гардидаанд, татбиқ намешавад.

**ТАВЗЕҲОТ**

***Мағзи чормағзҳо аз рӯи намуди ранг, андоза ва шакл аз ҳамдигар фарқ мекунанд. (расмҳои 1−2).***




1. Рагчаҳо; 2 Пардачаҳо; 3 Пелликула (пӯстлох)

Расми 1. Анатомияи як нимаи мағзи чормағз

# I ТАЪРИФИ МАҲСУЛОТ



Расми 2. Намунаҳои  ранги мағз ва нимаи мағзи чормағз



# II

# МУҚАРРАРОТ ОИД БА СИФАТ

# II МУҚАРРАРОТ ОИД БА СИФАТ

Ҳадафи стандарти мазкур аз муайян кардани талабот ба сифати мағзҳои чормағз дар марҳилаи назорати содиротӣ пас аз омодасозӣ ва бастабандкунӣ иборат мебошад.
Ҳамзамон, ҳангоми мавриди истифода қарор додани стандарт дар марҳилаҳои пас аз интиқоли содиротӣ соҳиб/фурӯшанда барои риоя кардани талаботи он масъулият ба зимма дорад. Соҳиб/фурӯшандагони маҳсулот, ки ба талаботи стандарти мазкур ҷавобгӯ нестанд, чунин маҳсулотро пешниҳод карда ва ё онҳоро ба фурӯш бароварда, ё ин ки таҳвил ё ба ягон тарви дигар фурӯхта наметавонанд.

А. ТАЛАБОТИ ҲАДДИ АҚАЛ[1]
Мағзҳои ҳамаи навъҳои чормағз дар сурати риоя кардани шартҳои махсуси ҳар як навъ ва иҷозатҳои ҳадди имконпазир бояд хусусиятҳои зеринро дошта бошанд:
Мағз бояд чунин бошад:

- хушсифат; маҳсулоти пӯсида ё осебдида, ки барои аз тарафи инсон истеъмол шудан онро корношоям мегардонад, роҳ дода намешавад.
- тоза; амалан бидуни ягон гуна моддаҳои берунаи дидашаванда, аз ҷумла боқимондаи пораҳои часпидаи пӯчоқ.

| ТАВЗЕҲОТ |
|---|
| Ҳадди қобили қабул барои «амалан бидуни» ин мавчуд будани боқимондаи часпидаи пӯчоқ ё пардачаҳои байнии мағз, ки дар маҷмӯъ на зиёда аз 10%-и масоҳати умумии сатҳи болоиро пӯшонидаанд, мебошад. Намунаҳои ба моддаҳои дидашавандаи бегона дохилшаванда дар расми 3 нишон дода шудаанд. |



Расми 3. Мағз бо боқимондаи часпидаи пӯчоқ (иҷозат дода намешавад)

II МУҚАРРАРОТ ОИД БА СИФАТ

- ба тарви кофӣ инкишофёфта; мавҷуд будани мағзҳои хушкшуда ё чиндори пуч, ки фавқулодда ҳамвор ва чин-чиншуда ва ё мағзҳое, ки як қисми онҳо дучори беобӣ, хушкшавӣ ё дуруштшавӣ гашта, ба онҳо зиёда аз 25%-и сатҳи мағз гирифтор шудаанд, роҳ дода намешавад;

[1] *Таърифи истилоҳот ва нуқсонҳо дар замимаи III ба шакли намунавии стандартҳо, ки «Истилоҳот ва таърифҳои тавсияшавандаи нуқсонҳо барои стандартҳо ба маҳсулоти хушк (чормағз бо пӯчоқаш ва мағзи чормағзҳо) ва маҳсулоти хушккардашуда » ном ниҳода шудааст, тазаккур гардидаанд;* **<http://www.unece.org/trade/agr/standard/dry/StandardLayout/StandardLayoutDDP_e.pdf>.**



*Расми 4. Мағзи ба таври кофӣ инкишофёфта (иҷозат дода мешавад)*



Расми 5 *Мағзи хушк/пурчини пучшуда (зиёда аз 25%-и мағз – иҷозат дода намешавад)*

- бе нуқсонҳои сатҳӣ, қисматҳои рангашон тағйирёфта (диффузияи чарбуӣ ё доғҳои паҳншуда), ки яқинан аз сатҳи боқимондаи мағз фарқияти возеҳ дошта, дар маҷмӯъ зиёда аз 25%-и сатҳи болоии мағзро пӯшонидаанд. ЭЗОҲ: харошаҳо нуқсони сатҳи болоӣ намебошанд.



Расми 6. Мағз бо нуқсонҳои сатҳи болоӣ ва тағйироти ранг (зиёда аз 25% сатҳи болоии мағз – иҷозат дода намешавад)



Расми 7. Мағзи харошхӯрда (иҷозат дода мешавад)

- бе ҳашароти зараррасони зинда, новобаста аз марҳилаи инкишофёбии онҳо;
- бе осебҳои зараррасонҳо расонида, чунончӣ мавҷуд будани ҳашароти мурда ва/ё канаҳо, боқимондаи ҳашарот ё таровишҳо.



Расми 8. Мағзҳои осебдида, ки ҳашарот/зараррасонҳо зарар расонидаанд (*иҷозат дода намешавад*)

- бе наххои мағор, ки ба таври аёну возеҳ дида мешаванд.

**ТАВЗЕҲОТ**

Мавчуд будани наххои мағор, ки ба таври аёну возеҳ дида мешаванд, чӣ дар пӯчоқ ва чӣ дар мағзи чормағз, иҷозат дода намешавад (расми 9)



Расми 9. Мағор (иҷозат дода намешавад)

- таъми талх надошта бошанд.

**ТАВЗЕҲОТ**
***Мағзҳои талхтаъмшудаи чормағз мағзҳое мебошанд, ки дар худ таъм ё бӯйи нохуши равған ё чарбуи кӯҳнашударо доранд.ЭЗОҲ: Баъзе аз маҳсулот метавонанд намуди зоҳирии тиратоб ё равғанӣ дошта, вале ҳамзамон таъми талх надошта бошанд (Расми 10).***



Расми 10. Таъми талх метавонад аслан зоҳир гардад, вале мағзи чормағзҳо бояд аз таҳлили сенсорӣ гузаронида шаванд.

- Бе намнокии ғайримуқаррарии сатҳи болоӣ.

**ТАВЗЕҲОТ**
***Муқаррароти мазкур ба таркиби аз ҳад зиёди намнокӣ дахл дорад, масалан, дар натиҷаи мавҷуд будани об дар дохили бастабанд. Бояд риоя намудани муқаррарот оид ба мавҷудияти ҳадди ниҳоии намнокӣ, ки дар боби II.B. оварда шудааст, таъмин карда шавад.***

- Бе бӯй ва/ё таъми бегона.

**ТАВЗЕҲОТ**
*Муқаррароти мазкур ба мағзи чормағзҳое, ки дар шароити ғайриқаноатбахш нигоҳ дошта ё ҳамлу нақл мегарданд ва дар натиҷа дар онҳо бӯй ва/ё таъме, ки ба онҳо хос нестанд, пайдо мешаванд, чунончӣ, вақте ки онҳо дар шафати дигар маҳсулоти бӯйи баланд дошта нигоҳ дошта мешаванд, дахл дорад.*

Ҳолати мағзҳои чормағз бояд чунон бошад, ки онҳо тавонанд:
- ба ҳамлу нақл, боркунӣ ва борфарорӣ тобовар бошанд;
- ба маҳалли таъингардида дар ҳолати қаноатбахш дастрас карда шаванд.

# II МУҚАРРАРОТ ОИД БА СИФАТ

## A. ТАРКИБИ НАМӢ[2]

Таркиби намӣ дар мағзҳои чормағз набояд зиёда аз 5,0% бошад.

**ТАВЗЕҲОТ**
*Таркиби ҳадди ниҳоии намӣ маънои ҳадди имконпазири таркиби намӣ, ки дар маҳсулот бо мақсади тиҷоратикунонии он роҳ дода мешавад, ифода менамояд.*

## B. ТАСНИФОТ

Мувофиқи иҷозати имконпазир нисбати нуқсонҳои дар боби «IV. Муқаррарот нисбат ба иҷозатҳо» тазаккургардида, мағзи чормағзҳо ба навъҳои зерин ҷудо карда мешаванд:

навъи олӣ, навъи якум ва навъи дуюм.

Нуқсонҳои ҷоиз набояд дар намуди зоҳирии умумии маҳсулот, сифати онҳо, қобилияти нигоҳдории онҳо ва намуди молии онҳо таъсири манфӣ расонад.

[2] *Таркиби намӣ тавассути яке аз усулҳои дар замимаи II ба шакли намунавии стандартҳо, ки «Муайян кардани намӣ дар маҳсулоти хушк» ном гузошта шудааст, муайян карда мешавад:* ***„http://www.unece.org/trade/agr/standard/dry/StandardLayout/StandardLayoutDDP_e.pdf“****.*
*Дар сурати падид омадани баҳс, усули намунавии лабораторӣ мавриди истифода қарор дода мешавад.*



# III

# МУҚАРРАРОТ ОИД БА АНДОЗАГИРӢ (КАЛИБРКУНОНӢ) (ШАКЛҲОИ ВОРИДШАВӢ БА ФУРӮШ)

# III МУҚАРРАРОТ ОИД БА АНДОЗАГИРӢ

Аз рӯи воридшавӣ ба фурӯш, мағзҳои чормағз тақсим мешаванд ба:

| | | |
|---|---|---|
| I | «нисфак» | Мағзҳое, ки ба ду қисми нисбатан баробари осебнадида тақсим карда шудаанд |
| II | «мағзҳои шикастдор» | Нисфакҳои мағзҳо, ки на зиёда аз чор як ҳиссаи қисми онҳо шикастаанд ё нестанд |
| III | «чоряк» | Мағзҳое, ки ба дарозиашон ба чор қисми нисбатан баробар тақсим карда шудаанд |
| IV | «мағзпораҳои калон» | Қисми мағзҳо, ки андозаашон аз андозаи «мағзҳои шикастдор» хурдтар буда, вале аз «пораҳои шикастаи мағз» калонтар мебошанд |
| V | «пораҳои шикастаи мағз» | Қисми мағзҳо, ки аз ғалбери чашмакҳои мудаввардоштаи диаметрашон 8 мм гузашта, вале аз ғалбери чашмакҳояш мудаввари диаметрашон 3 мм намегузаранд. |

Танҳо барои «нисфакҳо» – нишон додани шумораи дона дар як килограмм, факултативӣ мебошад.
Дар сурати омехта будани маҳсулоти шаклҳои гуногундошта, бояд таркиби физии маҳсулоти ҳар як шаклдошта нишон дода шавад; чадвали иҷозатдиҳӣ аз рӯи андоза мавриди истифода қарор дода намешавад.

**ТАВЗЕҲОТ**
***Мағзҳои чормағз дар шаклҳои гуногун ба фурӯш бароварда мешаванд. Намунаҳои шаклҳои гуногуни воридшавӣ барои фурӯш дар расмҳои 11-15 нишон дода шудаанд.***



Расми 11. Нисфакҳо (мағзҳое, ки ба ду қисми нисбатан баробари осебнадида тақсим шудаанд)



Расми 12. Мағзҳои шикастдор
*(Нисфакҳои мағзҳо, ки на зиёда аз чор як ҳиссаи қисми онҳо шикастаанд ё нестанд)*



Расми 13. Чоряк *(Мағзҳое, ки ба дарозиашон ба чор қисми нисбатан баробар тақсим карда шудаанд)*



Расми 14. Мағзпораҳои калон (*Қисми мағзҳо, ки андозаашон аз андозаи «мағзҳои шикастдор» хурдтар буда, вале аз «пораҳои шикастаи мағз» калонтар мебошанд*)



Расми 15. Пораҳои шикастаи мағзҳо (*Қисми мағзҳо, ки аз ғалбери чашмакҳои қутрашон (диаметрашон) 8 мм гузашта, вале аз ғалбери қутри чашмакҳояш 3 мм намегузаранд*)



# IV

# МУҚАРРАРОТ ОИД БА ИҶОЗАТҲО

# IV МУҚАРРАРОТ ОИД БА ИҶОЗАТҲО

Дар ҳамаи марҳилаҳои фурўш, дар ҳар баста мавҷуд будани маҳсулоте, ки ба талаботи ҳадди ақали нисбат ба сифат ва андозаи навъи нишондодшуда пешовардашаванда ҷавобгӯ нестанд, иҷозат дода мешаванд.

**ТАВЗЕҲОТ**

***Ҳадди ақали иҷозат барои ба ҳисоб гирифтани дуршавиҳо дар муносибат бо маҳсулот ва дар рафти бадшавии табии ҳолати маҳсулот рўйдиҳанда пешбинӣ шудаанд.***

***Мувофиқат ба дуршавиҳоро бояд бо истифодаи, ҳадди ақал, Қоидаҳои амалиётии санҷиши мувофиқат ба роҳдиҳӣ, ки дар Замимаи II қарори Шўрои СҲИР оид ба аз нав баррасии Ҷадвали СҲИР доир ба татбиқи стандартҳои байналхалқӣ ба меваву сабзавот [C(2006)95] овардашуда, санҷида шаванд. (аз суроғаи зерин дастрас намудан мумкин аст: http://www.oecd.org/agriculture/fruit-vegetables). Қарор оид ба мувофиқат кардани гуруҳи муайяни мол ба талаботи муқарраргардида дар асоси ҳиссаи фоизии маҳсулоти ба ин талабот ҷавобгўнабуда, ки аз интихоби умумии маҳсулот бармеояд, қабул карда мешавад (расми 16).***

## A. ҲАДДИ АҚАЛИ ИҶОЗАТ НИСБАТ БА СИФАТ

| НУҚСОНҲОИ ҲАДДИ АҚАЛИ ИҶОЗАТ | Ҳадди ақали иҷозатшаванда, ҳиссаи фоизии маҳсулоти нуқсондор аз рўи вазн | | |
|---|---|---|---|
| | **Навъи олӣ** | **Навъи якум** | **Навъи дуюм** |
| (a) **Ҷоиз будани маҳсулоте, ки ба талаботҳои ҳадди ақал ҷавобгӯ нестанд ва аз онҳо на зиёда:** | **4** | **6** | **8** |
| Мағзҳои мағордошта | **0,5** | **1** | **2** |
| Мағзҳои талхтаъм, мағзҳои бўй ё таъми бегонадошта | **1** | **1** | **2** |
| Мағзҳои ба пўсидан ё вайроншавӣ дучоргашта | **0,5** | **1** | **2** |
| Мағзҳои аз зараррасонҳо осебдида | **1** | **1** | **2** |
| Мағзҳои ҳашароти зинда дошта | **0** | **0** | **0** |
| (b) Иҷозатҳо аз рўи дигар нуқсонҳо, моддаҳои бегона, пораҳои пўчоқи чормағз,боқимондаҳои пардачаҳои мева | **0,5** | **1** | **1** |
| (c) Иҷозатҳо аз рўи ранг: ҳиссаи фоизии мағзҳо, ки ранги онҳо аз ранги барои навъи дахлдор муқаррargашта тиратар мебошад | **15** | **15** | **15** |

# IV МУҚАРРАРОТ ОИД БА ИҶОЗАТҲО



Расми 16. Намунаи моддаҳои бегона, аз ҷумла чӯбчапораҳо, сангреза, шохчаҳо, пӯчоқ ва пардачаҳои байнии чормағз

## B. ИҶОЗАТ ОИД БА АНДОЗАГИРӢ (КАЛИБРКУНОНӢ)/ШАКЛИ ВОРИДШАВӢ БА ФУРӮШ

| ШАКЛИ ВОРИДШАВӢ БА ФУРӮШ | Таркиби ҳадди ақал ва иҷозатҳои ҷоизбуда (дар таносуби % аз рӯи вазни мағзҳо) | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Нисфакҳо | Мағзҳои шикастдор | Мағзҳои чорякӣ | Мағзпораҳои калон | Пораҳои мағзҳои шикаста | Порачаҳои хурди мағз |
| **Нисфакҳо** | 85[a] | 15[b] | 5[c] | 5[c] | 1[c] | 1[c] |
| **Мағзҳои шикастдор** | | 85[a] | 15[b] | 5[c] | 5[c] | 1[c] |
| **Мағзҳои чорякӣ** | | | 85[a] | 15[b] | 5[c] | 1[c] |
| **Мағзпораҳои калон** | | | | 85[a] | 15[b] | 1[c] |
| **Пораҳои мағзҳои шикаста** | | | | 10[b] | 90[a] | 1[d] |

[a] *Таркиби ҳадди ақал дар таносуби фоизӣ.*
[b] *Иҷозатҳои ҷоизбуда.*
[c] *Ба ҷоизии 15-фоиза дохил карда шудааст.*
[d] *Ба ҷоизии 10-фоиза дохил карда шудааст.*





# V

# МУҚАРРАРОТ ОИД БА НАМУДИ МОЛӢ

# V МУҚАРРАРОТ ОИД БА НАМУДИ МОЛӢ

## A. ЯКҶИНСӢ

Таркиби ҳар як бастабанд бояд якҷинса буда, танҳо аз мағзи чормағзи якҷинса, сифат, андоза (дар сурати муайян кардани андозагирӣ (калибркунонӣ)-и якхеладошта, инчунин навъи якхела (агар нишон дода шавад), иборат бошад.

B. Қисми намоёни таркиби бастабанд бояд ба таркиби дар бастабанд мавҷудбуда мувофиқат кунад.

**ТАВЗЕҲОТ**

***Намуди молии маҳсулот набояд харидоронро гумроҳ созад, яъне дар қабатҳои поёнии бастабанд пинҳон кардани маҳсулоте, ки нисбат ба қисми дидашавандаи таркиби бастабанд ҷойгир шудааст ва дар тамғазанӣ нишон дода шудааст, сифати нисбатан пасттар ва андозаи хурдтар дошта бошад, ҷоиз нест. Намунаҳои ба якҷинсии маҳсулот дахлдор дар расмҳои аз 17 то 21 нишон дода шудаанд.***

**Якҷинса будани ранги маҳсулот**[3]

Барои навъҳои мувофиқи маҳсулот доир ба якҷинсии ранг муқаррароти зерин мавриди татбиқ қарор дода мешаванд:

- **Навъи олӣ:** мағзи чормағзҳои ин навъ бояд ранги якхелаи равшани қариб бе тобиши рангии тираву қаҳранг ва/ё зарди лимӯранг дошта бошанд; тираи ҷигариранг ҷоиз нест.
- **Навъи якум:** мағзи чормағзҳои ин навъ бояд ранги на тиратар аз ҷигарии равшан ва/ё зарди лимӯрангро дошта бошанд.
- **Навъи дуюм:** мағзи чормағзҳои ин навъ бояд ранги на тиратар аз ҷигарии тира дошта бошанд. Мағзҳои ранги нисбатан тирадошта, ба шарти дар бастабанд нишон додани ранги онҳо, ба сифати ин навъ метавонанд ба фурӯш бароварда шаванд.
- Талабот ба ранг ба навъҳои чормағзҳое, ки ранги сурх доранд, паҳн намешаванд.



Расми 17. Намунаҳои якҷинсагии ранги мағзи чормағзҳои навъи олӣ

---

3 *Ҷадвали расмии ченаки ранг, ки намудҳои гуногуни рангуборро бо тасвироташ нишон медиҳад дар суроғаи зерин дарёфт карда метавонед:* http://www.unece.org/fileadmin/DAM/trade/agr/standard/dry/Publications/ECE_DDP-02_WalnutKernels.pdf

# V МУҚАРРАРОТ ОИД БА НАМУДИ МОЛӢ



Расми 18. Намунаҳои ранги мағзи чормағзҳои навъи якум



Расми 19. Намунаҳои ранги мағзи чормағзҳои навъи дуюм



Расми 20. Мағзи чормағзҳои ранги сурхдошта (масалан, навъи Ливермор)



Расми 21. Якхела будани ранг дар бастабанд

# V МУҚАРРАРОТ ОИД БА НАМУДИ МОЛӢ

## B. БАСТАБАНДӢ

Мағзи чормағзҳо бояд чунин бастабандӣ карда шавад, ки нигоҳдории дурусти маҳсулот таъмин карда шавад.

Мутобиқи ҷадвали иҷозатшуда, ки дар банди «IV. Муқаррарот нисбат ба иҷозатҳо» оварда шудааст, борпеч набояд ягон намуди моддаҳои бегона дошта бошад.

Маводҳое, ки дар дохили бастабанд истифода мешаванд, бояд тоза ва бо сифат бошад, то ки ба намуди зоҳирӣ ва дохилӣ маҳсулот осеб нарасад. Истифодаи маводҳо, аз ҷумла коғаз ё тамғаҳо бо хусусиятҳои хоси тиҷоратӣ ва таснифоти маҳсулот танҳо ба шарти ҳангоми навиштани матн ё ширеш кардани тамғакоғазҳо истифода намудани ранг ва ширешҳои безаҳр, роҳ дода мешаванд.

Мутобиқи ҷадвали иҷозатшуда, ки дар банди «IV. Муқаррарот нисбат ба иҷозатҳо» оварда шудааст, борпеч набояд ягон намуди моддаҳои бегона дошта бошад.

**ТАВЗЕҲОТ**

***Бастабанд бояд чунин сифат ва мустаҳкам бошад, ки ҳангоми ҳамлу нақл, боркунӣ ва борфарорӣ беосеб мондани мағзҳои чормағзро таъмин намояд.***

***Ҳадафи муқаррароти мазкур аз он иборат аст, ки дар дохили бастабанд маводҳое истифода шаванд, ки бехатарии бояду шояди маҳсулотро таъмин мекунанд. Барои аз моддаҳои бегона, чунончӣ, аз баргҳо, рег ва ё хок, ки ба маҳсулот ва намуди молии он таъсири манфӣ мерасонанд, ҳифз кардани маҳсулот, бояд масолеҳи тоза мавриди истифода қарор дода шаванд. Намуди ба таври кофӣ тоза набудаи якчанд бастабанд, боиси даст кашидан аз қабули ҳамаи мол шуда метавонад.***

***Намунаи бастабандкунӣ дар расмҳои 22 ва 23 нишон дода шудаанд.***




Расми 22. Намунаи бастабандии чакана ё истеъмолӣ

# V МУҚАРРАРОТ ОИД БА НАМУДИ МОЛӢ




Расми 23. Намунаи бастабандӣ ё куттии картонӣ



VI

# МУҚАРРАРОТ ОИД БА ТАМҒАГУЗОРӢ

# VI МУҚАРРАРОТ ОИД БА ТАМҒАГУЗОРӢ

Дар ҳар як борпеч[4] бояд бо ҳуруфоти возеҳ ва хӯрданашаванда маълумоти зерин сабт карда мешавад, ки бояд дар як тараф ҷойгир гашта, аз тарафи берунӣ ба чашм намоён бошанд:

**ТАВЗЕҲОТ**
***Маълумоте, ки дар ҳар як бастабанд нишон дода шаванд, бояд дар як тараф ҷойгир карда шуда, ҳамзамон он бо ранги шустанашаванда навишта шавад ва ё ба тамғақоғаз дарҷ гардад, ки он назди бастабанд ё ба худи бастабанд часпонида мешавад. Дар сурати истифода бурдани бастабандҳои такроран истифодашаванда бояд эҳтиёткорона ҳамаи тамғақоғазҳои пештара канда ва/ё навиштаҷоти пешина тоза карда шаванд.***

***Намунаи тамғазгузорӣ дар расмҳои 24 ва 25 нишон дода шудаанд.***

## A. АЛОМАТҲОИ ШИНОХТАШАВӢ

Бастабандкунанда ва/ё борфиристанда.

Номгӯй ва суроғаи воқеӣ (масалан, кӯча/шаҳр/ноҳия/ рамзи почта ва кишвар, агар он аз давлати истеҳсолкунанда фарқ кунад) ё аломати рамз, ки аз тарафи мақомоти салоҳиятдор расман эътироф шудааст.

**ТАВЗЕҲОТ**
***Бо мақсади нозирот, истилоҳи «бастабандкунанда» шахс ё ширкатеро ифода мекунад, ки барои бастабанд кардани маҳсулот масъул мебошад (он ҳайати кормандонро, ки бевосита ин корро иҷро мекунанд ва танҳо назди корфармои худ масъулият ба зимма дорад, ифода намекунад). Ифодаи рамзӣ на тамғаи молӣ, балки низоми расмии назоратро ифода менамояд, ки барои ба осонӣ муайян кардани шахс ё ширкати барои бастабандкунӣ масъул имкон медиҳад. Борфиристанда (таҳвилкунанда ё содироткунанда) метавонад масъулиятро ба ӯҳдаи худ гирад, ки дар ин сурат нишондоди «бастабандкунандаа» мутобиқи таърифи дар боло овардашуда факултативӣ мебошад.***

***Намунаи тамғазанӣ дар расмҳои 24 ва 25 нишон дода шудаанд.***

.

4 Қонунгузории як қатор давлатҳо, ба таври дақиқ нишон додании номгӯй ва суроғаро талаб мекунанд. Аммо ҳангоми истифодаи рамзҳо, қайди «бастабандкунанда ва/ё борфиристанда» (ва ё ихтисораи он) бояд дар назди рамз гузошта шавад. Дар баробари ин пеш аз рамз бояд рамзи бо ҳарф ифодашудаи давлат, ки дар стандарти ISO 3166 пешбинӣ гардидааст, агар он давлати истеҳсолкунанда набошад, нишон дода шавад.

## В. ХУСУСИЯТИ МАҲСУЛОТ

- «Мағзи чормағзҳо»

## С. МАҲАЛЛИ ИСТЕҲСОЛИ МАҲСУЛОТ

- Кишвари истеҳсолкунанда ва ба таври иловагӣ, минтақаи парвариш ё номгӯи миллӣ, минтақавӣ ва ё маҳаллӣ.

**ТАВЗЕҲОТ**
***Дар тамғагузорӣ бояд кишвари истеҳсолкунанда, яъне кишваре, ки дар он чормағз парвариш шудааст, нишон дода шавад (масалан, «Маҳсулоти ИМА» ё «Маҳсулоти Фаронса»). Ба таври иловагӣ, инчунин метавонанд номгӯи миллӣ, минтақавӣ ва ё маҳаллие, ки дар он ҷой парвариш шудааст, нишон диҳанд, масалан, «Чормағзҳои калифорниягӣ» ё «Чормағзҳои перигорӣ», ва ё «Чормағзҳои греноблӣ».***

## Г. ТАВСИФИ МАҲСУЛОТ

- Навъ.
- Шакли пешниҳод шудан ба фурӯш. Дар сурати омехта будани шаклҳои гуногуни маҳсулот, бояд таркиби фоизии ҳар як шакли маҳсулот нишон дода шавад.
- Миқдори нисфакҳо дар як килограмм маҳсулот (ба таври иловагӣ).
- Соли ҷамъоварии ҳосил (ба таври иловагӣ).
- «Мухлати истеъмол» бо нишон додани сана, (ба таври иловагӣ).

## Д. ҚАЙДҲОИ РАСМӢ ОИД БА НАЗОРАТ (БА ТАВРИ ИЛОВАГӢ)

Соли 1983 қабул шудааст.
Бори охир соли 2017 аз нав баррасӣ гардидааст.




Расми 24. Намунаи тамғагузорӣ, ки дар қуттии картонӣ чоп карда шудааст




Расми 25. Намунаи тамғагузорӣ, ки дар бастабандии чакана/истеъмолӣ чоп карда шудааст

# ЗАМИМА



**СТАНДАРТИ КИА СММ DDP-02 ОИД БА ФУРЎШ ВА НАЗОРАТИ СИФАТИ МОЛИИ МАҒЗИ ЧОРМАҒЗ**

# I. ТАЪРИФИ МАҲСУЛОТ

Стандарти мазкур ба мағзҳои чормағзи навъҳои гуногун (навъҳои зироатӣ), ки аз навъи *Juglans regia L.* ба вуҷуд омадаанд ва онҳо барои истеъмоли бевосита ба ғизо ё омехта кардан бо дигар маҳсулот, барои истеъмоли бевосита ба ғизо бе коркарди минбаъда, таъин шудаанд, татбиқ мегардад. Стандарти мазкур ба мағзҳои чормағзони бо роҳи намакхобонӣ, шакардорсозӣ, хушбўйкунӣ ё бирён кардан коркард шудаанд ё барои коркарди саноатӣ таъин гардидаанд, татбиқ намешавад.

# II. МУҚАРРАРОТ ОИД БА СИФАТ

Ҳадафи стандарти мазкур аз муайян кардани талабот ба сифати мағзҳои чормағз дар марҳилаи назорати содиротӣ пас аз омодасозӣ ва бастабандкунӣ иборат мебошад.

Ҳамзамон, ҳангоми мавриди истифода қарор додани стандарт дар марҳилаҳои пас аз интиқоли содиротӣ соҳиб/фурўшанда барои риоя кардани талаботи он масъулият ба зима дорад. Соҳиб/фурўшандагони маҳсулот, ки ба талаботи стандарти мазкур ҷавобгў нестанд, чунин маҳсулотро пешниҳод карда ва ё онҳоро ба фурўш бароварда, ё ин ки таҳвил ё ба ягон таври дигар фурўхта наметавонанд.

## А. ТАЛАБОТИ ҲАДДИ АҚАЛ[5]

Мағзҳои ҳамаи навъҳои чормағз дар сурати риоя кардани шартҳои махсуси ҳар як навъ ва иҷозатҳои ҳадди имконпазир бояд хусусиятҳои зеринро дошта бошанд:

Мағз бояд чунин бошад:

- бутун; аммо дар сурати мавҷуд набудани 25% ё камтар аз он, нисфак ба ҳисоб меравад.
- хушсифат; ба маҳсулоти пўсида ё осебдида, ки барои аз тарафи одамон истеъмол шудан онро корношоям мегардонад, роҳ дода намешавад.
- тоза; амалан бидуни ягон гуна моддаҳои берунаи дидашаванда, аз ҷумла боқимондаи пораҳои часпидаи пўчоқ.

- ба таври кофӣ инкишофёфта; мавҷуд будани мағзҳои хушкшуда ё чиндори пуч, ки фавқулодда ҳамвор ва чин-чиншуда ва ё мағзҳое, ки як қисми онҳо дучори беобӣ, хушкшавӣ ё дуруштшавӣ гашта, ба онҳо зиёда аз 25%-и сатҳи мағз гирифтор шудаанд, роҳ дода намешавад;.
- бе нуқсонҳои сатҳӣ, қисматҳои рангашон тағйирёфта (диффузияи чарбуӣ ё доғҳои паҳншуда), ки яқинан аз сатҳи боқимондаи мағз фарқияти возеҳ дошта, дар маҷмўъ зиёда аз 25%-и сатҳи болоии мағзро пўшонидаанд.
- бе осебҳои зарррасонҳо расонида, чунончӣ мавҷуд будани ҳашароти мурда ва/ё канаҳо, боқимондаи ҳашарот ё таровишҳо
  - бе наххҳои мағор, ки ба таври аёну возеҳ дида мешаванд.



- таъми талх надошта бошад.
- бе намнокии ғайримуқаррарии сатҳи боло.
- бе бўй ва/ё таъми бегона.

[5] *Таърифи истилоҳот ва нуқсонҳо дар замимаи III ба шакли намунавии стандартҳо, ки «Истилоҳот ва таърифҳои тавсияшавандаи нуқсонҳо барои стандартҳо ба маҳсулоти хушк ва хушккардашуда (чормағз бо пўчоқаш ва мағзи чормағзҳо)» ном ниҳода шудааст, тазаккур гардидаанд;* **<http://www.unece.org/trade/agr/standard/dry/StandardLayout/StandardLayoutDDP_e.pdf>.**

Ҳолати мағзҳои чормағз бояд чунон бошад, ки онҳо тавонанд:

- ба ҳамлу нақл, боркунӣ ва борфарорӣ тобовар бошанд;
- ба маҳалли таъингардида дар ҳолати қаноатбахш дастрас карда шаванд.

## B. ТАРКИБИ НАМӢ[6]

Таркиби намӣ дар мағзҳои чормағз набояд зиёда аз 5,0% бошад.

## C. ТАСНИФОТ

Мувофиқи иҷозати имконпазир нисбати нуқсонҳои дар боби «IV. Муқаррарот нисбат  ба иҷозатҳо» тазаккургардида, мағзи чормағзҳо ба навъҳои зерин ҷудо карда мешаванд:

навъи олӣ, навъи якум ва навъи дуюм.

Нуқсонҳои ҷоиз набояд дар намуди зоҳирии умумии маҳсулот, сифати онҳо, қобилияти нигоҳдории онҳо ва намуди молии он дар бастабанди онҳо таъсири манфӣ расонад.

6 *Таркиби намӣ тавассути яке аз усулҳои дар замимаи II ба шакли намунавии стандартҳо, ки «Муайян кардани намӣ дар маҳсулоти хушк» ном гузошта шудааст, муайян карда мешавад: **„http://www.unece.org/trade/agr/standard/dry/StandardLayout/StandardLayoutDDP_e.pdf“**.*
*Дар сурати падид омадани баҳс, усули намунавии лабораторӣ мавриди истифода қарор дода мешавад.*

# III. МУҚАРРАРОТ ОИД БА АНДОЗАГИРӢ (КАЛИБРКУНОНӢ) (ШАКЛҲОИ ВОРИДШАВӢ БА ФУРӮШ)

Аз рӯи воридшавӣ ба фурӯш, мағзҳои чормағз ба намудҳои зерин ҷудо мешаванд:

| | | |
|---|---|---|
| I | «нисфак» | Мағзҳое, ки ба ду қисми нисбатан баробари осебнадида тақсим карда шудаанд |
| II | «мағзҳои шикастдор» | Нисфакҳои мағзҳо, ки на зиёда аз чор як ҳиссаи қисми онҳо шикастаанд ё нестанд |
| III | «чоряк» | Мағзҳое, ки ба дарозиашон ба чор қисми нисбатан баробар тақсим карда шудаанд |
| IV | «мағзпораҳои калон» | Қисми мағзҳо, ки андозаашон аз андозаи «мағзҳои шикастдор» хурдтар буда, вале аз «пораҳои шикастаи мағз» калонтар мебошанд |
| V | «пораҳои шикастаи мағз» | Қисми мағзҳо, ки аз ғалбери чашмакҳои мудаввардоштаи диаметрашон 8 мм гузашта, вале аз ғалбери чашмакҳояш мудаввари диаметрашон 3 мм намегузаранд. |

Танҳо барои «нисфакҳо» – нишон додани шумораи дона дар як килограмм,ба таври иловагӣ мебошад.

Дар сурати омехта будани маҳсулоти шаклҳои гуногундошта, бояд таркиби фоизии маҳсулоти ҳар як шаклдошта нишон дода шавад; ҷадвали иҷозатдиҳӣ аз рӯи андоза мавриди истифода қарор дода намешавад.

# IV. МУҚАРРАРОТ ОИД БА ИҶОЗАТҲО

Дар ҳамаи марҳилаҳои фурӯш, дар ҳар як миқдори муаяйяни мол мавҷуд будани маҳсулоте, ки ба талаботи ҳадди ақалки нисбат ба сифат ва андозаи навъи нишондодшуда пешовардашаванда ҷавобгӯ нестанд, роҳ дода мешаванд.

.

## A. ҲАДДИ ИҶОЗАТ НИСБАТ БА СИФАТ

| НУҚСОНҲОИ ҲАДДИ ИҶОЗАТ | Ҳадди ақали иҷозатшаванда, ҳиссаи фоизии маҳсулоти нуқсондор аз рӯи вазн | | |
|---|---|---|---|
| | **Навъи олӣ** | **Навъи якум** | **Навъи дуюм** |
| (b) **Ҷоиз будани маҳсулоте, ки ба талаботҳои ҳадди аққал ҷавобгӯ нестанд ва аз онҳо на зиёда:** | **4** | **6** | **8** |
| мағзҳои мағордошта | **0,5** | **1** | **2** |
| Мағзҳои талхтаъм, мағзҳои бӯй ё таъми бегонадошта | **1** | **1** | **2** |
| Мағзҳои ба пӯсидан ё вайроншавӣ дучоргашта | **0,5** | **1** | **2** |
| Мағзҳои аз зарарасонҳо осебдида | **1** | **1** | **2** |
| Мағзҳои ҳашароти зинда дошта | **0** | **0** | **0** |
| (d) Иҷозатҳо аз рӯи дигар нуқсонҳо, моддаҳои бегона, пораҳои пӯчоқи чормағз,боқимондаҳои пардачаҳои мева | **0,5** | **1** | **1** |
| (e) Иҷозатҳо аз рӯи ранг:<br>ҳиссаи фоизии мағзҳо, ки ранги онҳо аз ранги барои навъи дахлдор муқарраргашта тиратар мебошад | **15** | **15** | **15** |

## C. ҲАДДИ ИҶОЗАТ АЗ РӮИ АНДОЗАГИРӢ (КАЛИБРКУНОНӢ)/ШАКЛИ ВОРИДШАВӢ БА ФУРӮШ

| ШАКЛИ ВОРИДШАВӢ БА ФУРӮШ | Таркиби ҳадди ақал ва иҷозатҳои ҷоизбуда (дар таносуби % аз рӯи вазни мағзҳо) | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Нисфакҳо | Мағзҳои шикастдор | Мағзҳои чорякӣ | Мағзпораҳои калон | Пораҳои мағзҳои шикаста | Порачаҳои хурди мағз |
| **Нисфакҳо** | 85[a] | 15[b] | 5[c] | 5[c] | 1[c] | 1[c] |
| **Мағзҳои шикастдор** | | 85[a] | 15[b] | 5[c] | 5[c] | 1[c] |
| **Мағзҳои чорякӣ** | | | 85[a] | 15[b] | 5[c] | 1[c] |
| **Мағзпораҳои калон** | | | | 85[a] | 15[b] | 1[c] |
| **Пораҳои мағзҳои шикаста** | | | | 10[b] | 90[a] | 1[d] |

a) *Таркиби ҳадди ақал дар таносуби фоизӣ.*
b) *Иҷозатҳои ҷоизбуда.*
c) *Ба ҷоизии 15-фоиза дохил карда шудааст.*
d) *Ба ҷоизии 10-фоиза дохил карда шудааст.*

# V. МУҚАРРАРОТ ОИД БА НАМУДИ МОЛӢ

## A. ЯКҶИНСӢ

Таркиби ҳар як бастабанд бояд якҷинса буда, танҳо аз мағзи чормағзи якҷинса, сифат, андоза (дар сурати муайян кардани андоза (калибркунонӣ)-и якхеладошта, инчунин навъи якхела (агар нишон дода шавад), иборат бошад.

Қисми намоёни таркиби бастабанд бояд ба таркиби дар бастабанд мавҷудбуда мувофиқат кунад.

**Якҷинса будани ранги маҳсулот**[7]
Барои навъҳои мувофиқи маҳсулот доир ба якҷинсии ранг муқаррароти зерин мавриди татбиқ қарор дода мешаванд:

- **Навъи олӣ:** мағзи чормағзҳои ин навъ бояд ранги якхелаи равшани қариб бе тобиши рангии тираву каҳранг ва/ё зарди лимӯранг дошта бошанд; тираи чигариранг ҷоиз нест.

- **Навъи якум:** мағзи чормағзҳои ин навъ бояд ранги на тиратар аз чигарии равшан ва/ё зарди лимӯрангро дошта бошанд.

- **Навъи дуюм:** мағзи чормағзҳои ин навъ бояд ранги на тиратар аз чигарии тира дошта бошанд. Мағзҳои ранги нисбатан тирадошта, ба шарти дар бастабанд нишон додани ранги онҳо, ба сифати ин навъ метавонанд ба фурӯш броварда шаванд.
- Талабот ба ранг ба навҳои чормағзҳое, ки ранги сурх доранд, паҳн намешаванд.

## B. БАСТАБАНД

Мағзи чормағзҳо бояд чунин бастабанд карда шавад, ки нигоҳдории дурусти маҳсулот таъмин карда шавад.

Маводҳое, ки дар дохили бастабанд истифода мешаванд, бояд тоза ва бо сифат бошад, то ки ба намуди зоҳирӣ ва дохилии маҳсулот осеб нарасад. Истифодаи маводҳо, аз ҷумла қоғаз ё тамғаҳо бо хусусиятҳои хоси тиҷоратӣ ва таснифоти маҳсулот танҳо ба шарти ҳангоми навиштани матн ё ширеш кардани тамғакоғазҳо истифода намудани ранг ва ширешҳои безахр, роҳ дода мешаванд.

Мутобиқи ҷадвали иҷозатшуда, ки дар банди «IV. Муқаррарот нисбат ба иҷозатҳо» оварда шудааст, бастабанд набояд ягон намуди моддаҳои бегона дошта бошад.

[7] *Ҷадвали расмии ченаки ранг, ки намудҳои гуногуни рангуборро бо тасвироташ нишон медиҳад дар суроғаи зерин дарёфт карда метавонед:* http://www.unece.org/fileadmin/DAM/trade/agr/standard/dry/Publications/ECE_DDP-02_WalnutKernels.pdf

# VI. МУҚАРРАРОТ ОИД БА ТАМҒАГУЗОРӢ

Дар ҳар як бастабанд[8] бояд бо ҳуруфоти возеҳ ва хӯрданашаванда маълумоти зерин сабт карда мешавад, ки бояд дар як тарафи бастабанд ҷойгир карда шуда, аз тарафи берунӣ ба чашм намоён бошанд:

## А. АЛОМАТҲОИ ШИНОХТАШАВӢ

Бастабандкунанда ва/ё борфиристанда.
Номгӯй ва суроғаи воқеӣ (масалан кӯча/шаҳр/ноҳия/ рамзи почта ва кишвар, агар он аз давлати истеҳсолкунанда фарқ кунад) ё аломати рамз, ки аз тарафи мақомотҳои салоҳиятдор расман эътироф шудааст[9].

## B. ХУСУСИЯТИ МАҲСУЛОТ

- «Мағзи чормағзҳо»

## C. МАҲАЛЛИ ИСТЕҲСОЛИ МАҲСУЛОТ

- Кишвари истеҳсолкунанда ва, ба таври иловагӣ, минтақаи парвариш ё номгӯи миллӣ, минтақавӣ ва ё маҳаллӣ.

## Г. ТАВСИФИ МАҲСУЛОТ

- Навъ.
- Шакли пешниҳод шудан ба фурӯш. Дар сурати омехта будани шаклҳои гуногуни маҳсулот, бояд таркиби фоизии ҳар як шакли маҳсулот нишон дода шавад.
- Миқдори нисфакҳо дар як килограмм маҳсулот (ба таври иловагӣ).
- Соли ҷамъоварии ҳосил (ба таври иловагӣ).
- «Муҳлати истеъмол» бо нишон доодани сана, (ба таври иловагӣ).

## Д. ҚАЙДҲОИ РАСМӢ ОИД БА НАЗОРАТ (БА ТАВРИ ИЛОВАГӢ)

Соли 1983 қабул шудааст.
Бори охир соли 2017 аз нав баррасӣ гардидааст.
.

8 *Қонунгузории як қатор давлатҳо, ба таври дақиқ нишон додании номгӯй ва суроғаро талаб мекунанд. Аммо ҳангоми истифодаи рамзҳо, қайди «бастабандкунанда ва/ё борфиристанда» ( ва ё ихтисораи он) бояд дар назди рамз гузошта шавад. Дар баробарии ин пеш аз рамз бояд рамзи бо ҳарф ифодашудаи давлат, ки дар стандарти ISO 3166 пешбинӣ гардидааст, агар он давлати истеҳсолкунанда набошад, нишон дода шавад.*

[9]*Бояд номи пурра ё одатан истифодашаванда нишон дода шавад.*



СОЗМОНИ
МИЛЛАЛИ
МУТТАҲИД